Ба Шурои диссертатсионии 6Б.КОА-012
назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
(734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Досиев Маҳмадшоҳ Назарович дар мавзӯи «Идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди «сабз»: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод карда шудааст.**

Дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» (28.12.2023) таъкид шудааст, ки «Тоҷикистон ҳамчун давлати пешсафи ҷаҳон дар самти инкишофи «иқтисоди сабз» соли 2037 воқеан ба «кишвари сабз» табдил меёбад». Дар ин ҷода соҳибкории экологӣ ҳамчун унсури муҳимтарини «иқтисоди сабз» барои ноил шудан ба ҳадафҳои зикршуда нақши калидӣ дорад, зеро он ба фаъолияти навоварона ва ташаббусҳои соҳибкорӣ, ки ҳамзамон мушкилоти экологиро бартараф ва рушди устуворро таъмин месозанд, равона гардидааст.

Аз ин лиҳоз, яке аз арзишҳои назариявӣ ва амалии диссертатсияи илмии Досиев Маҳмадшоҳ Назарович дар асосноккунии роҳҳои такмили механизмҳои идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар ҷумҳурӣ мебошад, ки барои ташаккули иқтисоди «сабз» мусоидат менамояд. Докторант дар кори диссертатсионии худ механизм ва принсипҳои идоракунии рушди соҳибкории экологиро асоснок намуда, дар такмили методологии таҳқиқоти рушди устувор ва соҳибкории экологӣ саҳмгузор шудааст. Муаллиф муносибати маҷмӯии арзёбии сифативу миқдории фаъолияти соҳибкории экологиро, пешниҳод намудааст, ки он инструменти муҳим дар низоми идоракунии ин навъи соҳибкорӣ хеле актуалӣ мебошад. Дар диссертатсия самтҳои афзалиятноки стратегияи рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули «иқтисоди сабз» таҳия гардидааст, Ба соҳаҳои асосии рушди соҳибкории экологӣ, ба монанди саноати «сабз», кишоварзии «сабз», нақлиёти «сабз», сайёҳии «экологӣ» ва ғайра таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода шудааст. Умуман, дастовардҳои илмии муҳиме, ки муаллиф ба онҳо ноил гардидааст, дар бандҳои навгонии диссертатсия инъикос карда шудааст.

Аз автореферати диссертатсия бармеояд, ки мақсади гузошташуда ба даст омада, вазифаҳои муайянгардидаи кори диссертатсионӣ ҳалли худро ёфтаанд, автореферат бо забони оммафаҳми илмӣ навишта шуда, ақидаҳо ва

пешниҳодҳои назариявӣ-амалии муаллиф бо расму ҷадвалҳо ва нишондиҳандаҳои ҳисобкардашуда асоснок карда шудаанд. Мукаммал ифода ёфтани навовариҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки таркиб ва моҳияти онҳо дар автореферат ба таври кофӣ кушода шудаанд, диққати махсусро сазовор аст.

Новобаста аз ҷанбаҳои мусбии қайдгардида агар муаллиф дар матни асосии автореферат механизмҳои асосии раванди идоракунии рушди соҳибкории экологиро мушаххас ва дар алоҳидагӣ нишон медод, арзиши илмии кор боз ҳам ғанӣ мегардид. Масъалаҳои арзёбии муҳити сармоягузорӣ дар соҳаи соҳибкории экологӣ, ки шароиту омили муҳими рушди ин навъи соҳибкориро ташкил медиҳад, норавшан мондааст. Аммо ин эродҳо сифати илмии корро коҳиш намедиҳад.

Дар умум, метавон гуфт, ки автореферати диссертатсияи доктории Досиев Маҳмадшоҳ Назарович дар мавзӯи «Идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди «сабз»: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) ба ҳамаи талаботҳои Низомномаи намунавии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мебошад.

**Доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессор, директори Институти**
**иқтисодиёт ва демографияи Академияи**
**миллии илмҳои Тоҷикистон** **Ш.Раҳимзода**

**Имзои д.и.и., профессор Ш.Раҳимзодаро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои Институти**
**иқтисодиёт ва демографияи АМИТ** **Қурбонов Э.Т.**

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735700, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ 44,3
Сомонаи расмӣ: E-mail: info@ied.tj Сайт: www. ied.tj
Тел: +992 (37) 221-67-50; +992 (37) 221-57-65